*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA–
063 назди Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, хиёбони
Борбад 48/5)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзуи “Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ**

Дар татбики самараноки хадафҳои стратегӣ ва дурнамои рушди иқтисодиёти кишвар дар қатори дигар соҳаҳо, бахши соҳибкорӣ низ мавқеи махсусро ишғол менамояд, ки омили назарраси таъмини бозори истеъмолии кишвар бо маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Соҳибкории кишоварзӣҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти кишвар барои таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар ва рушди босуръати саноат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат карда, ба устуворӣи вазъи иқтисодию молиявӣ замина мегузорад, ки мубрамияти мавзӯи диссертатсияро муайян менамояд.

Дар автореферати мазкур асосҳои назариявӣва методологии муҳити молиявии соҳибкорӣ ва таъсири он ба рушди нишондиҳандаҳои макро ва микроиқтисодӣ, инчунин асосноксозии самтҳои асосии такмили он дар доираи ислоҳоти иқтисодӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифта, муаллиф мафҳуми муҳити молиявӣро таҳия ва пешниҳод намудааст.

Дар пояи таҳқиқи муҳити молиявии мамлакатҳои хориҷӣ ба хулосае омадааст, ки таҷрибаи бо иттилоот таъмин намудани

соҳибкории хурду миёна (Ҷопон), бозомӯзии мутахассисон ва бо тавсияномаҳо таъмин намудани соҳибкорон (Чин), гирифтани машваратҳои онлайнӣ оид ба гирифтани қарз ва хизматрасонии ширкатҳои суғуртавӣ (Фаронса), дастгирии молиявии соҳибкорони навтаъсис (Олмон), таъсиси фонди кафолати рушди тиҷорати хурд (Ҷумҳурии Ӯзбекистон) барои Тоҷикистон қобили қабул мебошад.

Муаллиф ошкор кардааст, ки сатҳи молиякунонии иктисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон паст буда, саҳми қарзҳои бонкӣ дар рушди соҳибкории кишоварзӣ нокифоя арзебӣ мегардад. Инчунин, рушди муҳити молиявӣ такмили қонунгузорӣ ва таъмини ҳуқуқи моликиятро талаб менамояд.

Муаллиф дар доираи автореферат модели консептулии такмили муҳити молиявиро дар сатҳи микроиқтисодӣ таҳия намуда, роҳҳои татбиқи онро бо дар назардошти риояи принсипҳои асосӣ- риояи технологияи истеҳсолот, мақсаднок истифодабарии сармояи қарзӣ, пешгирии бавуҷудоии қарзҳои дебиторӣ ва саривақт пардохт намудани қарзҳои кредиторӣ, таъмини ҳавасмандии молистеҳсолкунандагон ва таъмини талаботи хоҷагӣ бо воситаҳои гардон муайян кардааст. Инчунин, муаллиф матритсаи ташаккули низоми бисёрсатҳаи институтсионалии дастгирии соҳибкоронро дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда оид ба дастгирии рушди ташкилотҳои инфрасохторӣ коркард карда аст.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, инчунин:

- бо истифода аз методологияи STEP самтҳои асосии таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ то соли 2030 ва таснифи онҳо ба бахшҳои сиёсӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ гузаронида шудааст. Вале агар ин усул низ барои таҳияи чорабиниҳо дар самти таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ дар

сатҳи микроиқтисодӣ истифода мегардид кори диссертатсия бурд мекард;

- дар автореферат хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ҷой доранд.

Аммо камбудиҳои зикргардида моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро паст намекунад ва характери тавсиявӣ доранд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлили автореферат бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзӯи “Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ) ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ мебошад.

Тақриздиҳанда,

**Сарходими илмии**
**шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ**
**ва робитаҳои иқтисоди хориҷӣ,**
**ИИД АМИТ д.и.и., дотсент** **Шарифзода Б.М.**

Имзои д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М.-ро тасдиқ менамоям.

**Инспектори калон оид ба кадрҳои**
**ИИД АМИТ** **Курбонов Э.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 44 Почтаи эл.: info@ied.tj;
Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65; Факс: +992 (37) 221-67-50